# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

## Муъҷизаҳои Исо



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: E. Frischbutter; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Исо бисёр муъҷизаҳо ба амал овард. Мӯъҷизаҳо аломат барои нишон додани он буданд, ки Исо дар ҳақиқат Писари Худост. Муъҷизаи якум дар зиёфати тӯй рух дод. Дар он ҷо мушкилие шуд. Барои ҳамаи меҳмонон май намерасид.



Марям, модари Исо ба Ӯ дар бораи ин мушкилӣ гуфт ва ба хизматгорон фармон дод, ки ҳар фармони Исоро ба ҷо оранд.



"Ин зарфҳоро бо об пур кунед" — гуфт Исо. "Бо об?" — шояд пурсида бошанд онҳо. Бале, он чӣ ки Исо хоҳиш кард, об буд.



Сипас Исо ба хизматгор гуфт, ки аз зарфи калон об гирифта, барои чашидан ба сардори тӯй баранд.  Акнун об ба май табдил ёфта буд!  Майи хуб буд!  Ҳатто беҳтарин!



Хизматгорон ҳайрон шуда буданд.  Исо обро ба май табдил дода буд.  Танҳо Худо чунин муъҷизаҳо карда метавонист.



Исо муъҷизаҳои дигар
низ кард.  Як бегоҳ Ӯ
ва шогирдонаш ба
хонаи Петрус рафтанд.
Хушдомани Петрус аз
таби баланд сахт
бемор буд.



Исо ба дасти зани бемор расид.  Ҳамон лаҳза ӯ аз нав сиҳат шуд.  Баъд зан аз ҷояш хеста ба Исову шогирдонаш хизмат кард.



Ба назар чунин метобид, ки тамоми шаҳр ҳамон бегоҳ дар назди дар ҷамъ омадаанд. Одамони бемор нобиноён, кару гунгҳо ва маъюбон меомаданд. Ҳатто онҳое ки дар дарунашон девҳо зиндагӣ мекарданд, дар назди Исо ҷамъ мешуданд. Оё Ӯ ба ин қадар одами бисёр ёрӣ дода метавонист?



Исо, Писари Худо ёрӣ дода метавонист. Исо ёрӣ дод. Ҳамаи онҳое ки ба наздаш меомаданд, шифо меёфтанд. Одамоне, ки тамоми ҳаёт бо асобағал мегаштанд, акнун метавонистанд роҳ гарданд, даванд ва ҷаҳанд.



Баъзеҳо ки аз бемории пӯст безеб шуда буданд, низ меомаданд.



Ҳангоме ки Исо онҳоро шифо медод, онҳо сиҳат ёфта, тоза мешуданд.



Мардону заноне, ки аз дасти девҳо азоб мекашиданд, дар ҳузури Исо меистоданд. Ӯ ба девҳо фармон медод, ки аз вуҷуди ин одамон баромада раванд.  Вақте ки девҳо ба Исо итоат мекарданд, одамони ҳаросону бадбахт, ором ва хурсанд мешуданд.



Дар қафои тӯдаи одамон чор мард мехостанд, ки ба дӯсташон барои назди Исо омадан ёрӣ диҳанд. Аммо наздик шуда наметавонистанд.
Онҳо чӣ кор карда метавонистанд?



Ин чор дӯсти вафодор марди беморро ба болои боми хона баровардa, боми хонаро кушоданд ва ӯро ба поён фароварданд. Акнун вай ба Исо наздиктар буд.



Исо дид, ки ин чор дӯст имон доранд. Ӯ ба марди бемор чунин гуфт: “Гуноҳҳои ту бахшида шуданд. Ҷойгаҳатро бардошта роҳ гард”. Мард сиҳат ва боқувват шуда аз ҷой бархест. Исо вайро шифо дода буд.



Чанд вақт пас Исо бо шогирдонаш ба қаиқ нишаст. Тӯфони даҳшатангез баҳрро ба ҷунбиш меовард. Исо хоб рафта буд. Шогирдони ҳаросон Ӯро бедор намуданд. Онҳо фарёд мезаданд: “Хоҷа, моро наҷот деҳ! Мо ҳалок мешавем!”



“Ором шав!” — фармон дод Исо ба мавҷҳои об. Ҳамон замон баҳр ором шуд. “Ин чӣ хел одам аст?” — пичир-пичир карданд шогирдонаш. Ҳатто шамолу баҳр ба Исо итоат мекарданд. Шогирдон бовар доштанд, ки Исо Писари Худо аст, зеро муъҷизаҳояш бузургии Ӯро нишон медод. Шогирдон инро намедонистанд, аммо онҳо диданӣ буданд, ки Исо ҳангоми дар байни одамон ба Худо хизмат карданаш, чӣ гуна муъҷизаҳои аз ин ҳам бузургтар мекунад.



Муъҷизаҳои Исо

Ҳикоя аз Каломи Худо

Матто 8-9, Марқус 1-2, Марқус 4, Луқо 4, Луқо 8, Юҳанно 2

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16